## Натиҷа:

**1.** Вобаста аз ҷанбаҳои онтологӣ ва гносеологӣ дар фалсафа чунин равияҳои асосӣ вуҷуд доранд: материализм ва идеализм ин чунин эмпиризм ва ратсионализм.

**2.** Модда ва шуур (рӯҳ)- ду ҷанбаи ҷудонашаванда ва дар навбати худ мутаззоди ҳастӣ ба шумор меравaнд.

3. Масъалаи асосии фалсафаро метавон мухтасаран ҳамчун масъала оиди муносибати ду шакли ҳақиқат-ҳақиқати объективӣ ва ҳақиқати субъективӣ ифода намуд.

**4.** Ҳангоми ҳалли ҷанбаи аввали масъалаи асосии фалсафа файласуфҳо ба ду гурӯҳи калон – **идеалистҳо** ва **материалистҳо** ҷудо гардидаанд.

5. Ҷанбаи дуюми масъалаи асосии фалсафа - масъала оиди маърифатпазирии олам мебошад.

6. Касоне, ки маърифатпазирии оламро инкор доранд, **агностикҳо** ва касоне, ки маърифатпазирии оламро тасдиқ мекунанд, **гностикҳо** ном доранд.

## Саволҳо барои КМДУ:

1. Масъалаи асосии фалсафаро шарҳ диҳед.
2. Ҷанбаи онтологӣ ва гносеологии масъалаи асосӣ дар чӣ асос ёфтааст?
3. Монизм ва дуализм чи гуна таълимот мебошанд?
4. Таълимоти равияҳои эмпиризм, сенсуализм ва ратсионализм чи гуна аст?
5. Оиди шарҳи масъалаи асосии фалсафа равияҳои идеализм, материализим, гностисизм ва агностисизм чи гуна мавқеъро ишғол менамоянд?